## БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН

# ШАРҲИ НИЗОМИ СУҒУРТАИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ДАР НУҲ МОҲИ СОЛИ 2021

Аз рӯи натиҷаҳои ҷамъбасти нуҳ моҳи соли 2021 дар бозори суғуртаи кишвар ҳамагӣ 19 адад ташкилотҳои суғуртавӣ фаъолият намуданд, ки аз онҳо 2 ададро ташкилотҳои суғуртавии давлатӣ (дар шакли КВД ва КВДС) ва 17 ададро ташкилотҳои суғуртавии ғайридавлатӣ ташкил доданд. Шумораи онҳо нисбат ба нуҳ моҳи соли 2020 бинобар сабаби ба бозори суғуртаи кишвар воридшавии ду адад ташкилотҳои навтаъсиси суғуртавӣ ҶДММ "ДС суғурта" ва ҶСП ТС "Паймон Иншуренс" зиёд гардиданд. Филиалҳои иштирокчиёни касбии бозори суғуртаи кишвар бошад, дар давраи ҳисоботӣ 72 ададро ташкил намуда, нисбат ба нуҳ моҳи соли гузашта 5 адад кам гаштаанд. Раванди мазкур аз ҳисоби кам гардидани филиалҳои ғайрифаъоли КВД "Тоҷиксуғурта" ба амал омадааст.

Дар давраи ҳисоботӣ фаъолияти ҶДММ "Маркази дастгирии суғуртаи мутақобила" вобаста ба риоя накардани талаботи қонунгузории соҳаи суғурта бо роҳи бекор кардани иҷозатнома қатъ гардид. Ҳамчунин, бинобар сабаби ҷавобгӯ набудани фаъолияти Корхонаи воҳиди давлатии суғуртавии "Тоҷиксармоягузор" ба талаботи қонунгузории соҳаи суғурта ва роҳ додан ба камбудиҳои ҷиддӣ, аз ҷумла таъмин нагардидани талаботи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 марти соли 2020, №211 "Дар бораи андозаи ҳадди ақали сармояи (фонди) оинномавии ташкилотҳои суғуртавӣ (markaзнавсуғуртакунӣ)" бо қарори Раёсати Бонки миллии Тоҷикистон аз 27 июни соли 2021, №121 аризаи корхона оид ба тамдид намудани муҳлати амали иҷозатнома рад карда шуд.

**Ҷадвали 1. Сохтори иштирокчиёни касбии бозори суғурта**

*(бо адад)*

| | *9/2020* | *9/2021* | *Тағйирот (+/-)* |
|---|---|---|---|
| Ташкилотҳои суғуртавии давлатӣ | 2 | 2 | 0 |
| Ташкилотҳои суғуртавии ғайридавлатӣ | 15 | 17 | 2 |
| Маркази дастгирии суғуртаи мутақобила | 1 | 0 | 1 |
| **Ҳамагӣ:** | **18** | **19** | **2** |
| Филиалҳои ташкилотҳои суғуртавӣ | 77 | 72 | -5 |

Дороиҳои иштирокчиёни касбии бозори суғурта дар нуҳ моҳи соли 2021 ба 529,2 млн. сомонӣ баробар шуд, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 26,8 фоиз зиёд мебошад. Ин афзоиш асосан дар натиҷаи зиёд гардидани дороиҳои ҶСП “Суғуртаи аввалини миллӣ” дар ҳаҷми 69,6 млн. сомонӣ, инчунин аз ҳисоби ба бозори суғурта воридшавии ташкилоҳои суғуртавии ҶСП ТС “Паймон Иншуренс” ва ҶДММ “ДС суғурта” ҳамагӣ дар ҳаҷми 34,0 млн. сомонӣ ба амал омадааст.

Дар маҷмӯъ саҳми дороиҳои низоми суғурта нисбат ба дороиҳои умумии низоми молиявии кишвар дар давраи ҳисоботӣ ба **2,2 фоиз** баробар шуда, **нисбат ба ММД бошад, 0,6 фоизро** ташкил намуд.

***Диаграммаи 1. Тағйирёбии дороиҳои низоми суғурта дар солҳои 2015-2020 ва нуҳ моҳи соли 2021***




Дар нуҳ моҳи соли 2021 уҳдадориҳои тавозунии иштирокчиёни касбии бозори суғурта ба 194,8 млн. сомонӣ баробар гардид, ки ин нишондиҳанда нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта ба андозаи 3,3 фоиз (6,6 млн. сомонӣ) кам мебошад.

*Диаграммаи 2. Тағйирёбии ӯҳдадориҳои тавозунии низоми суғурта дар 2015-2020 ва нуҳ моҳаи соли 2021*




**Маблағҳои худии (сармояи)**[1] **низоми суғуртаи кишвар** дар нуҳ моҳи соли 2021 ба маблағи 334,5 млн. сомонӣ баробар шуда, нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта ба андозаи 54,9 фоиз (118,6 млн. сомонӣ) зиёд мебошад. Ин раванд дар самти устувории молиявӣ ва пардохтпазирии ташкилотҳои суғуртавӣ мусбӣ арзёбӣ гардида, аз тарафи дигар ҷиҳати иҷро гардидани ӯҳдадориҳои ба зиммагирифтаи ташкилотҳои суғуртавӣ бевосита мусоидат менамояд.

Қисми асосии маблағҳои худии (сармояи) иштирокчиёни касбии бозори суғуртаро сармояи оинномавии онҳо ташкил медиҳад ва ин нишондиҳанда ба санаи 30 сентябри соли 2021 232,6 млн. сомониро ташкил дода, дар муқоиса ба ҳамин давраи соли гузашта ба андозаи 89,2 фоиз (ё 109,7 млн. сомонӣ) афзоиш ёфтааст. Сабаби асосии афзоиши мазкур ин ба бозори суғуртаи кишвар ворид гардидани 2 ташкилоти суғуртавии навтаъсис (ба маблағи 22,0 млн. сомонӣ) ва аз ҷониби ташкилотҳои суғуртавӣ иҷро гардидани талаботи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 марти соли 2020, №211 “Дар бораи андозаи ҳадди ақали сармояи (фонди) оинномавии ташкилотҳои суғуртавӣ (азнавсуғуртакунӣ)” ба ҳисоб меравад.

---

[1] Маблағҳои худии (сармояи) ташкилотҳои суғуртавӣ сармояи оинномавӣ, сармояи захиравӣ, сармояи иловагӣ, фонди ҳавасмандгардонӣ, инчунин фоидаи тақсимнашударо дар бар мегиранд.

*Диаграммаи 3. Тағйирёбии маблағҳои худии (сармояи) низоми суғурта дар солҳои 2015-2020 ва нуҳ моҳаи соли 2021*




*Диаграммаи 4. Тағйирёбии сармояи оинномавии низоми суғурта дар солҳои 2015-2020 ва нуҳ моҳаи соли 2021*




**Миқдори умумии шартномаҳои басташуда** дар давраи ҳисоботӣ ба 1 348,7 ҳазор адад баробар шуд, ки дар муқоиса ба нуҳ моҳи соли 2020 ба миқдори 194,4 ҳазор адад (16,8 фоиз) афзоиш ёфтааст. Ин раванд аз он шаҳодат медиҳад, ки таваҷҷӯҳи аҳолӣ ва шахсони ҳуқуқӣ ба суғурта бештар шуда, маърифатнокии суғуртавӣ низ дар кишвар то андозае баланд шуда истодааст. Новобаста аз ин, мақоми назорати суғуртавиро зарур аст, ки дар якҷоягӣ бо ташкилотҳои суғуртавӣ дар самти баланд бардоштани огоҳии мардум оид ба суғурта чораҳои зарурӣ андешанд.

*Диаграммаи 5. Миқдори умумии шартномаҳои басташуда дар солҳои 2015-2020 ва нуҳ моҳаи соли 2021*




Ҳамин тариқ, дар давоми моҳҳои январ-сентябри соли 2021 ҳаҷми умумии воридоти мукофоти суғуртавӣ (ҳаққи суғуртавӣ), ки яке аз ҷанбаҳои асосӣ ва нишондиҳандаи инъикоскунандаи фаъолнокии

ташкилотҳои суғуртавӣ мебошад, ва сарчашмаи асосии даромади онҳо низ маҳсуб меёбад, 215,5 млн. сомониро ташкил дод, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 40,2 млн. сомонӣ ё ба андозаи 22,9% фоиз афзоиш ёфтааст. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки афзоишёбии мазкур дар ин давра асосан аз ҳисоби зиёд гардидани воридоти мукофоти суғуртавӣ (ҳаққи суғуртавӣ) дар фаъолияти ҶДММ "ТС Бима" – 27,7 млн. сомонӣ, ҶСП ТС "Паймон Иншуренс"- 13,1 млн. Сомонӣ, КВД "Тоҷиксуғурта" – 4,4 млн. сомонӣ ва ҶДММ ТС "Боварӣ" – 3,4 млн. сомонӣ ба амал омадааст.

**Диаграммаи 6. Тағйирёбии воридоти мукофоти суғуртавӣ дар солҳои 2015-2020 ва нуҳ моҳаи соли 2021**




Дар нуҳ моҳи соли 2021 воридоти мукофоти суғуртавӣ (ҳаққи суғуртавӣ) аз рӯи шаклҳои суғуртаи ҳатмии давлатӣ ва суғуртаи ҳатмӣ мутаносибан 870,5 ҳазор сомонӣ ва 42 664,1 ҳазор сомониро ташкил намуданд, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта мувофиқан 24,6 ҳазор сомонӣ (2,7 фоиз) ва 3 700,0 ҳазор сомонӣ (8,1 фоиз) кам гардидаанд.

Воридоти мукофоти суғуртавӣ (ҳаққи суғуртавӣ) аз рӯи шакли суғуртаи ихтиёрӣ дар интиҳои семоҳаи сеюми соли 2021 ба 172,0 млн. сомонӣ баробар шуд, ки ҳиссаи он 79,8 фоизи ҳаҷми умумии воридоти мукофоти суғуртавиро дар кишвар ташкил медиҳад. Ҳаҷми суғуртаи ихтиёрӣ дар муқоиса ба ҳамин давраи соли гузашта ба маблағи 44,0 млн. сомонӣ ё 34,4 фоиз афзудааст. Нишондиҳандаи мазкур шаҳодати аз он медиҳад, ки ташкилотҳои суғуртавии ватанӣ

танҳо ба амалишавии намудҳои суғуртаи ҳатмӣ маҳдуд нагашта, суғуртакуниро аз рӯи намудҳои суғуртаи ихтиёрӣ ривоҷу равнақ дода истодаанд ва ин беистисно ба беҳтар гардидани вазъи устувории молиявӣ ва сатҳи пардохтпазирии онҳо мусоидат менамояд.

***Диаграммаи 7. Тағйирёбии воридоти мукофоти суғуртавӣ аз рӯи шаклҳои суғурта дар солҳои 2015-2020 ва нуҳ моҳаи соли 2021***




**Уҳдадориҳои ба зиммагирифтаи иштирокчиёни касбии бозори суғурта** дар давраи баррасишаванда 93,8 млрд. сомониро ташкил дод, ки он дар муқоиса ба ҳамин давраи соли қаблӣ 2,1 маротиба (50,0 млрд. сомонӣ) зиёд гардидааст.

Дар робита ба ин, хавфҳои ба азнавсуғуртакунӣ интиқолдодаи ташкилотҳои суғуртавӣ дар нуҳ моҳи соли ҷорӣ 72,6 млрд. сомониро ташкил дод, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 39,6 млрд. сомонӣ ё 2,2 маротиба афзоиш ёфтааст.

*Диаграммаи 8. Хавфҳои ба зиммагирифтаи ташкилотҳои суғуртавӣ дар солҳои 2015-2020 ва нуҳ моҳаи с.2021*




*Диаграммаи 9. Хавфҳои ба азнавсуғуртакунӣ интиқолдодаи ташкилотҳои суғуртавӣ дар солҳои 2015-2020 ва нуҳ моҳаи с. 2021*



**Мукофоти суғуртавии (ҳаққи суғуртавии) ба азнавсуғуртакунӣ интиқолгардидаи низоми суғурта** бошад[2], дар нуҳ моҳи соли 2021 ба маблағи 74,5 млн. сомонӣ баробар шуда, ин нишондиҳанда дар қиёс ба ҳамин давраи соли гузашта 23,7 млн. сомонӣ ё 46,8 фоиз зиёд мебошад. Ин амалиёт бештар аз ҳисоби интиқол гардидани мукофоти суғуртавии (ҳаққи суғуртавии) ба ташкилотҳои азнавсуғуртакунӣ равонанамудаи ҶДММ "ТС Бима", ки 97,2 фоизи ин маблағҳоро ташкил медиҳад, ба амал омадааст.

**Ташаккул ва мавҷудияти захираҳои суғуртавӣ**, ки далели саривақт иҷро карда тавонистани уҳдадориҳои ба зиммагирфтаи ташкилотҳои суғуртавӣ мебошад, дар ин марҳила 154,2 млн. сомониро дар бар гирифтанд, ки дар муқоиса ба ҳамин давраи соли гузашта ба андозаи 0,6 фоиз ё 868,5 ҳаз. сомонӣ камтар мебошад.

Лозим ба ёдоварист, ки раванди ташаккулдиҳии захираҳои суғуртавӣ дар ташкилотҳои суғуртавӣ дуруст ба роҳ монда нашудааст, ки дар ин самт Бонки миллии Тоҷикистон "Тартиби ҷойгиркунии маблағҳои захираҳои суғуртавии ташкилотҳои суғуртавӣ (азнавсуғуртакунӣ)"-ро таҳия ва тасдиқ намуд, ки минбаъд метавонад ба зиёд гардидани захираҳои суғуртавии низоми суғуртаи кишвар мусоидат менамояд.

**Пардохти суғуртавӣ (ҷуброни суғуртавӣ)** дар давраи ҳисоботӣ тамоюли зиёдшавиро касб намуда, ба 15,9 млн. сомонӣ баробар шуд, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 26,6 фоиз (3,3 млн. сомонӣ) зиёд мебошад. Дар ин самт, саҳми ташкилотҳои суғуртавии ҶДММ ТС "Бима"—48,9 фоиз, КВД "Тоҷиксуғурта"—28,1 фоиз ҶСП ТС "Суғуртаи аввалини миллӣ"—11,2 фоиз, ва назаррас мебошанд, ки ба зарардидагони ҳодисаҳои суғуртавӣ бештар хизматрасониҳоро амалӣ намудаанд. Афзоиши пардохти ҷубронҳои суғуртавӣ аз як тараф нишондиҳандаи мусбӣ арзёбӣ гардад, аз тарафи дигар мақоми назорати суғуртавиро водор месозад, ки раванди шаффоф пардохт гардидани онҳоро дар ин самт таъмин намояд.

---

[2] Амалиётҳои азнавсуғуртакунии ташкилотҳои суғуртавии кишвар, ки барои кам кардани уҳдадориҳо ва коҳиш додани хавфҳои эҳтимолии ҳодисаҳои суғуртавӣ равона шудаанд, бинобар сабаби дар ин марҳила мавҷуд набудани ташкилоти азнавсуғуртакунӣ дар бозори суғуртаи кишвар тавассути ташкилотҳои азнавсуғуртакунии хориҷӣ анҷом дода шуданд.

*Диаграммаи 10. Тағйирёбии пардохти (ҷуброни) суғуртавӣ дар солҳои 2015-2020 ва нуҳ моҳаи соли 2021*




*Диаграммаи 11. Тағйирёбии таносуби пардохт (ҷуброни) суғуртавӣ нисбат ба воридоти суғуртавӣ дар солҳои 2015-2020 ва нуҳ моҳаи соли 2021*




**Фоидаи софи ташкилотҳои суғуртавӣ** аз рӯи фаъолияти нуҳ моҳи соли 2021 ба 75,5 млн. сомонӣ баробар шуд, ки дар қиёс ба ҳамин давраи соли гузашта ба маблағи 1,9 ҳаз. сомонӣ ё 2,6 фоиз зиёд мебошад ва ин нишондод гарчанде таҳлили ҷузъиро дар бар нагирад, ҳам аз мавриди истифодаи самаранок қарор гирифтани маблағҳои худии (сармояи) ташкилотҳои суғуртавии кишвар шаҳодат медиҳад.

Дар асоси таҳлилҳои гузаронидашуда тибқи таҷрибаи байналмилалӣ нишондиҳандаи даромаднокии низоми суғуртаи ҷумҳурӣ барои нуҳ моҳи соли 2021 муайян карда шуд, ки он самаранокии фаъолияти ташкилотҳои суғуртавии ватаниро ифода менамояд. Нишондиҳандаи даромаднокии низоми суғуртаи ҷумҳурӣ аз рӯи дороиҳо (ROA) дар нуҳ моҳи соли 2021 ба ҳисоби миёна 2,3 фоизро ташкил дода, нишондиҳандаи даромаднокӣ аз рӯи маблағҳои худӣ (сармоя) (ROE) бошад, ба 5,1 фоиз баробар гардид.

